# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09- Сабзавоткорӣ**

Пиёзи бехӣ яке аз зироатҳои асосии соҳаи сабзавоткорӣ ба ҳисоб рафта, аҳолии мамлакат ба он эҳтиёҷи бештар дорад. Чунки таркиби пиёзи бехӣ аз модаҳои ғизоӣ, витамину макро- микроэлементҳое, ки барои организми инсон заруранд, бой буда, барои табобати касалиҳои зардпарвин, дарди сар, касалиҳои бактериологию вирусӣ ва ғайра манфиат мебахшад. Яке аз омилҳои асосии гирифтани ҳосили баланду хушсифати бехпиёз ин самаранок истифодабарии нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийдор мебошад, ки метавонанд ҳосилнокӣ ва сифати ин зироатро то 40-50% зиёд намоянд.

Водии Вахши вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои асосии парвариши зироати пиёзи бехӣ дар ҷумҳурӣ, алалхусус пиёзи бехӣ ба ҳисоб меравад, ки маҳсулоти аввалияи сабзавотиҳо мебошад. Пиёзи бехӣ яке аз зироатҳои серҳосилу даромадноктарин ба шумор меравад.

Таҳқиқоти илмӣ Раҳимов Шодмон Давлатович бо мақсади омӯхтани самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати пиёзи бехӣ солҳои 2018-2020 дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон, Ҷамоати деҳоти Панҷ, хоҷагии деҳқонии “Аслам Ғаниев” амалӣ гаштааст.

Дар рафти тадқиқоти илмӣ унвонҷӯ бори аввал дар ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон дар хокҳои хокистарранги равшан нишондиҳандаҳои илман асоснокшудаи таъсири нуриҳои минералии нитрогенӣ, фосфорӣ ва калийдор ба реҷаи сатҳи онҳо дар хок, нашъунамои растаниҳои навъҳои пиёзи бехии зудпази «Пешпазак», «Алдоба», «Тунис», ҳосилнокӣ, сифати ҳосил ва самаранокии иқтисодии истифодаи нуриҳоро муайян намудааст.

Диссертант Раҳимов Шодмон Давлатович барои парвариши ҳосилнокии 45-56 тонна аз 1 гектар пиёзи навъҳои «Пешпазак», «Альдоба» ва «Тунис» истифодаи 240 кг/га нитроген, 120 кг/га фосфор, 90 кг/га калийи таъсиркунанда чунин тавсия медиҳад: бояд 70%-и нуриҳои фосфорию калийдор бо якҷоягии 30% нурии нитрогенӣ пеш аз кишти тухмӣ, 30% нуриҳои фосфорию калийдор бо якҷоягии 35% нурии нитрогенӣ дар ғизодиҳии якум, ки ба саршавии ҳосилбандӣ рост меояд, инчунин 35%-и боқимондаи нурии нитрогенӣ дар давраи

ҳосилбандии саросари пиёзи бехӣ рост меояд, ба хок ворид карда шавад.

Тадқиқоти илмии унвонҷӯ ба талаботи имрӯзаи соҳаи кишоварзии мамлакат ҷавобгӯ буда, дар таъмини амнияти ғизоии кишвар, махсусан истеҳсоли биёзи барвақти замина мегузорад.

Кори диссертатсионии тадқиқоти ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, автореферат он мазмуни асосии онро ифода намуда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Раҳимов Шодмон Давлатович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09- Сабзавоткорӣ мебошад

**Тақриздиҳанда:**
Номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯйи
ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ,
растанипарварӣ, мудири шуъбаи кимиёи агрономии
Институти зироаткории АИКТ Шарипов Р.Р.

**Суроға:** 734022, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Ҳисор,
ш. Шарора, маҳаллаи Шодмон, кӯчаи М.Турсунзодаи, хонаи 7
тел.: (+992) 900-00-17-42 E-mail: zirotkor@mail.ru

Имзои Р.Р.Шарипов-ро тасдиқ мекунам:
Сармутахасис оид ба кадрҳои Институти
зироаткории АИКТ Пирова М.

**Суроғаи муассиса:**
734022, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Ҳисор,
ш. Шарора, кучаи Дӯстӣ 1
тел.: (+992) 777-07-59-59
E-mail: zirotkor@mail.ru

4 декабри соли 2025